**Такриз**
**ба рисолаи илмии Ашурмадов Қиматалӣ Машарифович**
**«Таҳлили муқосавии пешояндҳои ифодакунандаи замон самти ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» дар асоси осори Ёддоштҳои С. Айнӣ**

Яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи илми забоншиносии муосир ин дида баромадани сохтори тадқиқотии забон ба шумор меравад, ки ба амалӣ гардидани усули таълим вобаста ба фаъолияти хат ва нутқ дар омӯзиши забони хориҷӣ мебошад. Айни ҳол на танҳо ин ё он забонро донистан шарт аст, балки онро дар дараҷаи олӣ барои мубодилаи муносибатҳои байнифарҳангӣ ва байнидавлатӣ амалӣ намудан аст. Доир ба ин масъала забоншиносии муқоисавӣ мавқеи муайянро ишғол менамояд, ки яке аз соҳаҳои забоншиносӣ муқоисаи сохтори ду забонро ба роҳ мемонад. Ҳамин тавр, забоншиносии муқоисавӣ монандӣ ва фарқияти сохторҳои забонҳои мукоисашавандаро бо мақсади ба даст овардани маълумот оид ба методҳои муфиди омӯзишро меомӯзад.

Таҳқиқи проблемаи пешояндҳо дар забоншиносии муқоисавӣ асосан аз нимаи дуюми садаи бист оғоз гардидааст. То ҳол оид ба масъалаи мазкур як қатор асару рисола ва мақолаҳо ба табъ расидаанд, ки то андозае ҳалли илмии баъзе паҳлуҳои онро дар бар мегирад ва дар омӯзиши минбаъдаи масъалаҳои ҷудогонаи ин масоили муҳим ба сифати сарчашмаи илмӣ дорои арзиши баланд мебошанд.

Забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз замони пайдоиш ва ташаккули худ то ҳол тараққиёти таърихиро аз сар гузаронида, торафт ғанӣ ва мукаммал шуда, барои ба ҷо овардани эҳтиёҷоти ҷомеа ҳамчун воситаи асосӣ хизмат мекунанд. Рисолаи мо ба таҳқиқи пешояндҳо ва ифодакунандаи самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва забони англисӣ бахшида шуда, мо тасмим гирифтаем, ки пешояндҳои ифодагари самту ҳаракатро дар забонҳои муқоисашаванда ҳам аз нигоҳи сохтор ва ҳам аз ҷиҳати маъно мавриди баррасӣ қарор бидиҳем. Бояд гуфт, ки роҷеъ ба ин мавзӯъ дар забоншиносии муқоисавӣ қариб кори таҳқиқотӣ ба анҷом нарасидааст. Тавре маълум аст, дар таркиби луғавии забон калимаҳое ҳастанд, ки дар алоҳидагӣ маънoро ифода намекунанд ва ба савол ҷавоб намешаванд. Ин гуна калимаҳоро ҳиссаҳои номустақил [ёридиҳанда]-и нутқ меноманд. Онҳо аз ҳиссаҳои мустақили нутқ бо он фарқ мекунанд, ки ашё, аломат ва шумораро ифода намекунанд, аъзои ҷумла шуда наметавонанд ва ба савол ҷавоб намешаванд. Пешояндҳо низ ҳамчун ҳиссаи номустақили нутқ дар баробари пасояндҳо, пайвандакҳо, ҳиссача ва нидоҳо ба ин гурӯҳи калимаҳо мансубанд. Пешояндҳо гарчанде ки ба ҳиссаҳои номустақили нутқ дохил шаванд ҳам, дар ҷумла нақши муҳимро мебозанд, беҳуда онҳоро "шаҳди забон" нагуфтаанд, зеро бештар барои аз назари маънӣ пурра ва рангин сохтани ҷумлаҳо хизмат мекунанд.

Пешояндҳо чун мавзӯъи таҳқиқи морфология бештар дар забоншиносии умумӣ мавриди таҳқиқу таҳлил қарор гирифтааст. Чунин муваффақиятҳои назаррасро дар омӯхтани ин мавзӯъ пеш аз ҳама дар забоншиносии рус метавон мушоҳида кард. Дар забоншиносии умумӣ масъалаҳои мубрами ҷиҳати сарфии пешояндҳоро ҳамаҷониба омӯхта, аз нигоҳи илмӣ асоснок кардаанд.

Аз ин рӯ, мо доир ба таърихи омӯхтани пешояндҳо ва масъалаҳои назариявии онҳо дар забоншиносии умумӣ ба таври махсус тавaққуф нахоҳем кард. Вале баъзе паҳлуҳои ин масъала то ҳанӯз ҳалли пурраи илмии худро наёфтаанд ва ба таҳқиқи муфассалу мукаммал ниёз доранд.

Дар чанд даҳсолаи охир забоншиносони тоҷик ба таҳқиқи пешояндҳои забони тоҷикӣ ва муқоисаи онҳо дар забонҳои мухталиф, нақши пешояндҳо дар ташаккули ибораҳои феълӣ ва монанди инҳо таваҷҷуҳи беш зоҳир мекунанд. Ба табъ расидани асару мақолаҳои сершумор доир ба ин мавзуъ далели ин фикр шуда метавонад .

Профессор Ш. Рустамов дар ишора бар таҳқиқи ҷиҳатҳои наҳвии забон, аз ҷумла дар созмонёбии ибора мавҷуд будани нақши пешояндҳоро дар забоншиносии тоҷик ба таври зайл қайд мекунад: «Забоншиносии тоҷик... алалхусус дар 20-30 соли охир, хеле инкишоф ёфт. Тарзи таҳқиқ ва кашфи қонуниятҳои бисёр ҳодисаҳои забонӣ, аз ҷумла ибора, тағйир ва такмил ёфт” [Ш. Рустамов, 58]. Иборашиносони тоҷик Ш. Ниёзӣ, А. Мирзоев, Р. Ғаффоров, М. Н. Қосимова, Б. Камолиддинов, М. Норматов, Д. Хоҷаев, Э. Улуғзода, М. Акрамов, С. Абдураҳимов, П. Ҷамшедов, А. Маҳмадназаров, Х. Камолов, Э Исмоилзода., Н. Туйғунов ва муаллифони китобҳои дарсии забони англисӣ барои мактабҳои миёна ва олӣ, дастуру васоити таълимӣ доир ба омӯзиши забони англисӣ дар пояи забони тоҷикӣ ба дастовардҳои илмии замон, алалхусус ба таълимоти академик В.В. Виноградов ва дигар иборашиносони маъруф такя намуда, ин соҳаи илми забоншиносӣ, хоссатан забоншиносии қиёсиро ба пояҳои баланд бардоштанд, назарияҳои навро дар амал татбиқ намуданд ва дар асоси маводи фаровони забони тоҷикӣ бо қиёси маводи забони англисӣ хулосаҳои нави илмиву назариявӣ баровардаанд.

Хулоса, рисолаи Ашурмадов Қиматалӣ Машарифович дар мавзӯи «Таҳлили муқосавии пешояндҳои ифодакунандаи замон самти ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» дар асоси осори Ёддоштҳои С. Айнӣ кори илмии анҷомёфта мебошад ва онро метавон барои дифоъ пешниҳод намуд.

Рохбари илмӣ:

д.и.ф., профессори

кафедраи умумидонишгоҳии

забони англисии ДМТ, Саидзода Ҳ.А

имзои Саидзода Ҳалим Азизро

"тасдиқ мекунам"

Сардори Раёсати кадрҳо

ва бахши махсуси Донишгоҳи

милли Тоҷикистон Тавқиев Эмомали

25.04.2022.